# НУРИ

# РОҒУН





**КИТОБРО ДАР МӮҲЛАТИ ҚАЙДШУДА**
**БАРГАРДОНЕД**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

ЧДММ «Ҳоҷӣ Ҳасан»

SBN978-99947-53-71-0

# НУРИ РОҒУН



Китобхонаи ... Ҷумҳурии ... ба номи
1046

ТЧБ "Истиқбол"
2012



**Мӯъмин ҚАНОАТ**

## ПАНҶАИ НУР

Дар коргаҳи меҳр чӣ созӣ ту ба рӯз?
Дар ин шаби тирарӯ чӣ ҷӯӣ ту ба сӯз?
Хоҳам, ки ҳамон меҳри замон афрӯзам,
Дар синаи Роғун, ки ниҳон аст ҳанӯз.

***

Пайғоми туро гирифта бо панҷаи шер,
Эҳёгари ту шуданд шерони далер.
Имрӯз бубин, ки оташ аз об раҳид,
Ҳар нола, ки буд асир, гардид амир!

***

Бошад сафари Ҳиҷоз аз рӯи ниёз,
Зоди сафари ишқ ҳама сӯзу гудоз.
Дар маъбади нури хокиёни Роғун
Бо нур вузӯ карда гузорем намоз.

***

Висгард будиву оқибат гард шудӣ,
Оташкада будӣ, оқибат сард шудӣ.
Пайғом будӣ, зи аҳди шоҳони каён,
Дар панҷаи раҳравон раҳовард шудӣ.





## *ГУЛНАЗАР*

### ТАРОНАИ РОҒУН

Шарори орзуҳои маро ғир,
Барори ҷустуҷӯҳои маро гир,
Умеди бостонии маро гир,
Талоши навҷавонии маро гир,

Аё Роғун, мунаввар бош,
Шабохун зан, музаффар бош!

Зи оташхонаи Зардушт бархез,
Ба рӯҳи поки Деваштич омез,
Таҷассум кун фари Сомониёнро,
Такаллум кун каломи ҷовидонро,

Аё Роғун, мунаввар бош,
Шабохун зан, музаффар бош!

Баланду пасти дунёро назар кун,
Ҳаму бунбасти оламро гузар кун,
Ба рағми тангчашмии ҷаҳолат,
Ба қасди зулмату кину ҳасодат,

Аё Роғун, мунаввар бош,
Шабохун зан, музаффар бош!

Ту нури чеҳраи озодии ман,
Ту пайки равшани ободии ман,
Туро созам зи меҳри бекарона,
Ки монӣ рӯзи фардоям нишона,

Аё Роғун, мунаввар бош,
Шабохун зан, музаффар бош!

*Камол*
***НАСРУЛЛО***



## СИМОИ САДО

Биё, созем Роғунро
Ба рӯи тахтапушти худ,
Чу кохи ҳафсаду ҳафтод
пушти худ!

Биё, созем Роғунро
Зи обу хоки бунёди сиришти худ,
Чу мифтоҳе
Ба нуристони бахту сарнавишти худ!

Биё, созем Роғунро
Ба рӯи шонаҳои худ,
Чу кохи шаъну шони худ!

Зи рӯи шонаҳои миллати берӯзи ман
акнун фурӯ резед
Тамоми бори ноҳинҷори таърихи шигифташро,
Тамоми пояи бемоягияшро!
Бирӯбед аз хасу хошоки чандинасраи таърих
Сиришташро.

Дар ин паҳнои паҳни тахтапушти ӯ,
Дар ин паҳнои мустаҳкам
Ҳама бегонагон кохи баланди обрӯи хешро
бунёд мекарданд,

Дар ин паҳнои беминнат
Адӯи ачнабӣ истоду истибдод мекарданд.

Биё, созем Роғунро
Ба рӯи тахтапушти худ,
Ба рӯи шонаҳои худ,
Зи хоки эътиқоду эътимоди худ!

Биё, созем аз обу гили худ,
аз дили худ
Чу кохи доди доди худ,
Чу симои садоди[1] худ!

1.Садод-ростӣ, адолат



## *Сайдалӣ МАЪМУР*

### ЭЙ ДӮСТ, БИЁ!

Ҳар чо, ки чавону пир Роғун гӯяд,
Бо азми нав аз замир Роғун гӯяд.
Тоҷик, ки Сангтӯда нуристон кард,
Ин бор шуда далер: «Роғун!» гӯяд.

Эй Вахш, ки саргаҳи ту пуртилло шуд,
З-ин рӯ ба забон номи ту зарбахшо шуд.
Имрӯз, ки даргаҳат бишуд нурафзо,
Ҳам шӯҳрати ту чу меҳру маҳ боло шуд.

Эй дӯст, биё ба Роғуну ҳамсаф шав,
Ҳамдаст ба аҳли кору дил дар каф шав.
Исроф макун умри равонат ба зарар,
Монанди фурӯзонаки каммасраф шав.

Бин, тоҷики сарзинда чи сарболо шуд,
Машҳур чу созанда ба ҳар акс о шуд.
Аз тӯдаи санг хирмани нур гирифт,
Ду дидаи кӯри бадгумон бино шуд.

Эй дӯст, бидон қадру баҳои Роғун,
Саҳме бигузор дар бинои Роғун.
Фардо бишавад чу чархи НОБ-аш гардон,
Бо шукр кунӣ сацда ба пои Роғун.

*Муҳаммад*
*ҒОЙИБ*



## РӮШАНИОФАР

Роғун обу ҳавои мо бошад,
Зиндагонӣ барои мо бошад.

Савти фардои нек аз он ояд,
Соз баҳри навои мо бошад.

Дарди равшандилон зи торикист,
Рӯшанияш давои мо бошад.

Вахш дарёи рӯшаниофар,
Файзу лутф аз Худои мо бошад.

Баҳри бунёди он камар бандад,
Ҳар касе ошнои мо бошад.





*Раҳмат*
**НАЗРӢ**



## МАЙДОН

Марди майдон,
О ба Майдон!
Марди майдон,
О ба майдони набарди ҳамнавардон,
О ба майдони набарди оташу об,
То шавад дар набзи Вахшоб
Осиёби барқ гардон.

Ҳамчу човандози чусте, к-аз баландӣ
Дар сари зини саманде
Мезанад худро ба майдон
О ба Майдон!

Ҳамчу марди чорпаҳлӯи дуруште,
Дастболои заминнодидапуште,
К-аз ғурури паҳлавониҳо ба гуштӣ
Мегузорад по ба майдон,
О ба Майдон!

Ҳамчу гурди гурзбози оҳанинчанг,
То ки дар тори сари худ ӯ ба ҳар ранг
Гирд гардонад гаронсанг,
Бо камарбандаш бигирад ҷо ба майдон,
О ба Майдон!

О ба Майдон, марди дарёбанди Дарвоз,
О ба Майдон, марди дарёбанди Дарбанд!
О ба майдони барӯманд,
Обрӯманд!
Чун сиришти кӯҳу дарё
Чун сиришти шишаву санг
Аз сари нанг
Бояд омезӣ ба ҳам обу гили худ,
Хешро бояд, ки дар оташ гудозӣ,
То ки дар сарбанди дарёи дили худ
Осиёби барқ созӣ!

Алӣ
БОБОҶОН



## ИЛҲОМИ РОҒУН

Чу барқе шӯъла зад пайғоми Роғун,
Мунаввар шуд дил аз иқдоми Роғун.
Зи мавҷи ғайрати нурофаринон
Чу субҳаш шуд дурахшон шоми Роғун.
Хушо, нақб аз дили хоро кушоданд
Ҷавонмардони соҳибноми Роғун.
Зи користон дамад набзи замонҳо,
Ҷило резад зи фарқи боми Роғун.
Фазои нақбҳояш ғулғулистон,
Намебинӣ дами ороми Роғун.
Зи авҷи ишқ резад нури ҳиммат
Ба бахши мардуми хушкоми Роғун.
Чу Норак шӯҳраташ боло гирифтаст,
Бувад вирди забонҳо номи Роғун.
Чу хуршед аз сахои бениёзаш
Ба ҳар манзил расад инъоми Роғун.
Зи ҷӯши нури Вахш омад ба туғён,
Зиҳӣ ашъор аз илҳоми Роғун!
Зиҳӣ шерозаи ҳусни ҳақиқат,
Зиҳӣ афсонаи айёми Роғун!



1046

*Юсуфҷон*
*АҲМАДЗОДА*



## БА ҚАҲРАМОНИ РОҒУН!

Аз мӯҳри бозувонат, ай қаҳрамони Роғун!
Зад барқи ғайрат охир оташ ба чони Роғун!

Аз гуфта шарм дорад, акнун ба лаб гузорад
Ангушти ҳайрати худ ҳар бадгумони Роғун!

Ҳар пора-пора сангаш оинадори нангаш,
Аз мумиёи мардӣ сахт устухони Роғун.

Дунёи нур безад, дарёи сур резад
Ҳамчун ситора шабҳо з-оби равони Роғун.

Пайғоми рӯшноӣ, пайванди ошноӣ
Хезад зи корзори пиру чавони Роғун.

Ҳар чо равона гардад, байту тарона гардад
Ин нури чашми точик чун корвони Роғун.

Бо панчаи тавоно, бо иттиҳод, чоно,
Осон тавон гузаштан аз имтиҳони Роғун.

Оянда Точикистон даргоҳи равшанистон
Аз озарахши субҳи рангинкамони Роғун!

## САБРИН



### БО НУРИ РОҒУН

Раҳ мекушоем бо нури Роғун,
Дил менамоем бо нури Роғун.
Равшанзамиру равшанситора,
Дар асл моем бо нури Роғун.
Дилториконро софии оташ,
Оташнавоем бо нури Роғун.
Ағёрро – ёр, бегонаро – хеш,
Мо ошноем бо нури Роғун.
Яздон бидода эҳсони тоҷик,
Зеби саноем бо нури Роғун.
Сад фитна аз дун резад сари мо,
Радди балоем бо нури Роғун.
Бунёд кардем аз санги ҳиммат,
Ақли расоем бо нури Роғун.
Обод кардем аз нанги миллат,
Мо авҷсоем бо нури Роғун.
Сабрин, ба парвоз ҳар ҷо нишинем,
Боли Ҳумоем бо нури Роғун.

«Нури Роғун»
Шеърҳо барои наврасон
Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16,
ТЧБ «Истиқбол»-2012.

Муассис ва мушовир: Латофат Кенҷаева
Муҳаррир: Юсуфҷон Аҳмадзода
Мусаввир: Абдусалом Абдуллоев
Тарроҳ: Гулъузор Махкамова
Мусаҳҳеҳ: Ганҷинаи Муллоҷон

Ба чоп супорида шуд 15.02.2012. Ба нашраш имзо шуд 25.02.2012. Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи чопию ҳисобӣ 2,5. Адади нашр 5000. Нархаш шартномавист.

Дар иншороти «Imak-ofset» (Туркиё) чоп шудааст.

ISBN978-99947-53-71-0